Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» марти соли 2023, №117
тасдиқ шудааст

Тартиби
амалӣ намудани тарҳкунии шахсии шахсони воқеӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ

1. Тартиби амалӣ намудани тарҳкунии шахсии шахсони воқеӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ (минбаъд –Тартиб) раванди амалӣ намудани тарҳкунии шахсии шахсони воқеӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Ба шахсони воқеӣ ҳангоми дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани хароҷот дар шакли ғайринақдӣ, аз ҷумла тавассути суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ ва воситаҳои дигари электронии пардохтӣ, ба андозаи 10 фоизи маблағи умумии даромади гирифташуда, вале на зиёда аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол тарҳ намудани чунин хароҷот иҷозат дода мешавад.

3. Амали Тартиб дар шакли электронӣ тавассути барномаи компютерии системаи ҳамгироии иттилоотии андоз (минбаъд - СҲИА) ба роҳ монда мешавад.

4. Барои мақсадҳои Тартиб ба хароҷот дар шакли ғайринақдӣ дохил намешаванд:

- мубодилаи молҳо;
- бо пули нақдӣ пардохт намудани мол (кор ва хизматрасонӣ) ё пӯшонидани қарз ба воситаи терминалҳои худкори хидматрасон ё ташкилоти қарзии молиявӣ;
- харидорӣ намудани мол аз хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳамаи шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва воситаи пардохтӣ;
- пардохт намудани иҷрои кор ва хизматрасониҳои фосилавии шахсони хориҷӣ бо истифода аз ҳамаи шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва воситаи пардохтӣ;
- интиқоли маблағҳо байни шахсони воқеӣ.

5. Ташкилотҳои қарзии молиявии хизматрасон уҳдадоранд, ки иқтибоси амалиётҳо оид ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдии шахси воқеиро, ки аз ҷониби мақомоти андоз тавассути СҲИА ирсол гардидааст, дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) бо дар назар доштани банди 4 Тартиб дар мӯҳлати 5 рӯзи тақвимӣ тасдиқ ё рад намоянд. Маълумот оид ба маблағи даромади гирифташуда, андозҳои пардохтшуда ва ҳисоббаробаркуниҳои

ғайринақдӣ анҷомдодашуда аз ҷониби шахси воқеӣ ба СҲИА ҳамасола то 1 апрел пас аз анҷоми соли тақвимӣ пешниҳод карда мешавад.

6. Мақомоти андоз ба таври автоматӣ маълумоти тасдиқнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявии хизматрасонро коркард намуда, маблағи ниҳоии тарҳкунии шахсии шахсони воқеро, ки ҳангоми анҷом додани хароҷот дар шакли ғайринақдии иҷозатдодашуда дода мешавад, бо назардошти банди 7 Тартиб муайян менамояд.

7. Агар хароҷоти дар шакли ғайринақдӣ анҷомдодаи шахси воқеӣ дар соли тақвимӣ ба маблағи камтар аз 10 фоизи даромади умумии шахси воқеӣ баробар бошад, маблағи тарҳ аз чунин хароҷот ба маблағи хароҷоти воқеии дар шакли ғайринақдӣ анҷомдодашуда баробар карда мешавад. Дар ҳама ҳолат чунин тарҳҳо ба андозаи 10 фоизи даромади гирифтаи шахси воқеӣ, вале на бештар аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол иҷозат дода мешавад.

8. Мақомоти андоз барои анҷом додани тарҳкунии шахсии шахсони воқеӣ маълумотро оид ба маблағи иҷозатдодашуда барои тарҳ (бо нишон додани насаб ва номи шахси воқеӣ ва рақами мушаххаси андозсупоранда) ба ҳуҷраҳои шахсии корфармо (ҷойи кори асосӣ) то 20 апрели баъди соли ҳисоботӣ ирсол менамояд.

9. Корфармо маблағи барои тарҳ иҷозатдодашударо мутаносибан аз даромади умумии шахси воқеӣ барои ҳар як моҳ дар давоми давраи 12 моҳи оянда дар ҳаҷми маблағи тарҳкунии шахсии иҷозатдодашуда, ки ба 12 тақсим карда шудааст, тарҳ мекунад.

10. Корфармо дар ҳолати иваз шудани ҷойи кори асосӣ ё иловагии шахси воқеӣ, дар муддати 5 рӯзи корӣ тавассути ҳуҷраи шахсӣ ба мақомоти андоз дар ин бора бо огоҳинома бо нишон додани суратҳисоби бонкии шахси воқеии мазкур хабар медиҳад ва мақомоти андоз дар муддати 5 рӯзи корӣ пас аз гирифтани огоҳинома маълумоти тарҳи иҷозатдодашуро ба ҳуҷраи шахсии корфармои нав мутаносибан бо ба инобат гирифтани маблағи дар корхонаи қаблан фаъолияткардааш тарҳкардашуда тавассути СҲИА ирсол менамояд.

11. Корфармо аз моҳи минбаъдаи аз кор озод шудани корманд, новобаста аз мавҷудияти қарзи депонентӣ, татбиқи тарҳкунии шахсиро қатъ намуда, татбиқи тарҳкунии шахсии минбаъда аз ҷониби корфармои нав амалӣ карда мешавад.

12. Мақомоти андоз дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз дастрас шудани маълумот оид ба шахсони воқеие, ки корманди кироя нестанд ва аз даромади онҳо андоз ба буҷети давлатӣ ҳисоб ва пардохт шудааст, маълумоти дахлдорро оид ба маблағи тарҳи иҷозатдодашудаи шахсони воқеии мазкур бо нишон додани суратҳисоби бонкӣ барои интиқоли

маблағи тарҳ тавассути СҲИА ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

13. Маблағи тарҳи иҷозатдодашуда аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми се моҳ пас аз ворид гардидани маълумоти дахлдор аз ҷониби мақомоти андоз ба суратҳисоби бонкии шахси воқеӣ интиқол дода мешавад.

14. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти андоз, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, корфармоён барои дурустӣ, эътимоднокӣ ва сари вақт пешниҳод намудани маълумот, инчунин дар доираи муҳлатҳои дар Тартиб пешбинишуда амалӣ намудани тарҳи шахсӣ ва ҳисоббаробаркунӣ масъул мебошанд.